# Ҳисоботи
## Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2021

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2021, №22/10-555 оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2021 маълумоти зеринро манзур менамояд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро дар асоси сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, инчунин тибқи талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи вазифаҳои низомномавӣ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст.

Дар ин давра, амалишавии Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2021, №АП-39 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд, дар мадди аввал қарор дошта, вобаста ба он аз 10 феврали соли 2021, №14 фармоиши Раиси Кумита ба тасвиб расид, ки зимни он Нақшаи чорабиниҳо иборат аз 26 банд таҳия гардида, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии паём ҷиҳати муайян намудани раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо мушаххас гардиданд.

Ҳамзамон, Кумита ҷиҳати иҷрои босифат ва саривақтии бандҳои дахлдори супориши болозикр ҳамкории судмандро бо вазорату идораҳои дахлдор ба роҳ мондааст.

Дар ин замина, Кумитаи рушди маҳал вобаста ба таъмини иҷрои бандҳои 2, 3, 9, 10, 19, 23, 25, 26, 33, 70, 71 ва 72 Нақшаи чорабиниҳои супориши болозикр маълумотҳои зарурро ҷамъбаст намуда, ба вазорату идораҳои ҷамъбасткунанда аз он ҷумла: ба вазоратҳои рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 августи соли 2021, №1/5-364 ва аз 8 декабри соли 2021, №1/5-533, корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 августи соли 2021, №1/5-366, саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 сентябри соли 2021, №1/5-426, энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 августи соли 2021, №1/5-362 ва аз 8 декабри соли 2021, №1/5-534 ва ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 августи соли 2021, №1/5-365 маълумот ирсол намуд.

Супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2020, №24.2/10-93 ва аз 26 ноябри соли 2020, №436 дар бораи иҷрои банди 32 нақшаи чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2020, №АП-1325 оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри

соли 2019 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” зикр гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз натиҷаи он маълумотнома аз 27 июли соли 2021, №1/4-242 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Инчунин, Кумита супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, №24/10-53, аз 30 июни соли 2021, №24/10-251 дар бораи иҷрои банди 85 нақшаи чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2020, №АП-1325 оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” зикр гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он маълумотнома аз 6 июли соли 2021, №1/4-213 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 2021, №351/24 пешниҳоди Кумита ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳангоми таҳияи Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 26 январи соли 2021, бо дарназардошти иҷрои талаботҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои соҳавӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҷумҳурӣ, сафарҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо таҳия карда шаванд, барои корбарӣ ва иҷро ирсол гардид.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Кумита ҷиҳати таъмини иҷрои банди 73 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ” бо мақсади амалӣ намудани корҳои ободонӣ ва сазовор истиқбол намудани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бунёд намудани Нишон ва Парчами давлатӣ корҳои ҳамоҳангсозиро дар шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ҷумҳурӣ ба роҳ монда, давоми солҳои 2018-2021 дар ҳудуди марказҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 79 адад Парчами давлатӣ ва 42 адад Нишони давлатӣ сохта ва ба истифода дода шуда, сохтмони 11 адад Парчам ва 10 адад Нишони давлатӣ идома доранд.

Бо мақсади беҳтар намудани шароити корӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот сохтмон ва таъмиру тармими биноҳои маъмурӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо чораҳои зарурӣ андешида шуда, давоми солҳои 2017-2021 12 адад бинои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, 30 адад ҷамоати шаҳраку деҳот сохта шуда, 43 адад бинои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва 230 адад ҷамоати шаҳраку деҳот аз таъмир баровarda

шудааст. Инчунин, сохтмони 2 адад бинои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва 7 адад ҷамоати шаҳраку деҳот идома доранд.

Ҳамзамон, Кумитаи рушди маҳал супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 августи соли 2021, №16/10-212 оид ба таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи матни паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" барои соли 2022-ро мавриди баррасӣ қарор дода, таклифу пешниҳодҳои худро ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2021, №1/5-273 манзур намуд.

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 ва фармоиши Раиси Кумита аз 6 июли соли 2018, №46 "Оид ба корҳои ободонию созандагӣ бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Кумитаи рушди маҳал ҳамкории доимиро бо масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтари вилояти Хатлон ба роҳ монда, дар ҷаласаҳои пай дар пайи баргузоргардида роҳбарият ва масъулини Кумита иштирок намуда, дар ин раванд рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳоро зери назорат қарор дода, доир ба иҷрои супоришҳои мазкур тибқи муҳлати муқарраргардида ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 сентябри соли ҷорӣ, №1/4-287 ахборот пешниҳод намуд.

Ҷиҳати иҷрои Барқияи ҳукуматӣ аз 18 марти соли 2021, №24/10-8 дар бораи баргузор намудани чорабиниҳои иди байналмилалии Наврӯз оид ба корҳои ободонию созандагӣ ҷиҳати сазовор ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон чорабиниҳои идона баргузор гардид, ки дар он роҳбарияти Кумита иштирок намуда, аз натиҷаи он ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбороти муфассал пешниҳод карда шуд.

Бояд қайд кард, ки рафти иҷроиши Нақшаи чорабиниҳои шаҳри Бохтар оид ба сохтмони иншоотҳои ҷашнӣ ҷиҳати сазовор таҷлил намудани 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери назорати доимӣ қарор дошта, сифати корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони ҳар як иншоот дар сатҳи баланди меъморӣ ва технологияҳои муосир, дастоварду навовариҳои илму техника ва унсурҳои меъмории милливу замонавӣ ба роҳ монда шуд.

Дар ин раванд тибқи Барқияи ҳукуматӣ аз 18 марти соли 2021 аз санаи 7 то 9 сентябри соли 2021 роҳбарият ва масъулини Кумита ба шаҳри Бохтари вилояти Хатлон сафари хизматӣ анҷом дода, дар маҷлиси тантанавӣ ва чорабиниҳои идона бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳпаймоӣ, ки бо иштироки зиёда аз 30 ҳазор нафар баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 1 декабри соли 2021 Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар оид ба корҳои ободонию созандагӣ ҷиҳати сазовор пешвоз гирифтани ҷашни

30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 324 иншоот (105,5%) бо таъсиси 1180 ҷойҳои корӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Бо мақсади таҷлил намудани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо шумораи иншоотҳои сохтмонӣ тибқи Нақшаи чорабиниҳои барои солҳои 2018 – 2021 тасдиқгардида, 24776 адад иншоотро дарбар гирифта, аз рӯи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 1 декабри соли 2021 аз он 24682 (99,6%) адад ба маблағи 18 млрд. 862 млн сомонӣ бо таъсиси 73686 ҷойи корӣ ба истифода дода шуд. Аз иншоотҳои ба истифода додашуда: корхонаю коргоҳҳои саноатӣ 729 адад, тандурустӣ 1177 адад, маориф 1337 адад, майдончаҳои варзишӣ 1077 адад, истироҳатӣ ва фарҳангӣ 543 адад, хизматрасонӣ 2618 адад, биноҳои истиқоматӣ 931 адад, биноҳои маъмурӣ 272 адад, савдо ва хӯроки умумӣ 2579 адад, сохтмони купрукҳо 447 адад ва сохтмон ва таҷдиди роҳҳо 2519 адад рост меояд. Дар 1004 адад иншоот корҳои сохтмонӣ идома дошта, сохтмони 76 иншоот оғоз наёфтааст

Дар давраи ҳисоботӣ бо дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2021, №16/10-22 бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи рушди маҳал тавсия оид ба гузаронидани чорабиниҳо дар сатҳи ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти кишвар таҳти унвони “Тоҷикистон хонаи умеди мо” омода намуда, дар мувофиқа бо бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 6 апрели соли 2021, №1/4-172 ба ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои корбарӣ ирсол намуд.

Вобаста ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2018, №АП-1140, супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2020, №24/10-57 ва аз 31 декабри соли 2020, №16/1-349 оид ба ташкил ва баргузории озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: “Сайри гули лола” барои солҳои 2019-2021 дар соли 2021, рӯзи 11 апрели соли ҷорӣ дар боғи фарҳангию фароғатии ба номи Абулқосим Фирдавсии шаҳри Душанбе даври ҷамъбастии озмуни мазкурро бо дастоварду намоишҳои вилоят Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳрҳои Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат, ноҳияҳои Шаҳринав, Рӯдакӣ ва Варзоб баргузор намуд, ки аз ҷониби шабакаҳои телевизионии ҷумҳурӣ наворбардорӣ шуда, манзури тамошобинон гардонида шуд. Ғолибон бо тӯҳфаҳои хотиравии Кумита аз ҷониби аъзои комиссияи ҷумҳуриявӣ қадрдонӣ карда шуданд. Аз натиҷаи озмун маълумоти муфассал аз 19 апрели соли 2021, №1/4-133 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Кумитаи рушди маҳал ҷиҳати иҷрои банди 29 Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2021, №АП-52 оид ба муайян намудани харҷнома барои таъмири ҷории бинои ошхона, таҳхона ва толори варзишии Муассисаи давлатии таълимии “Литсей касбии техникии шаҳри Бохтар”-ро мавриди баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он маълумотнома ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти

иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар аз 9 августи соли 2021, №1/4-855 ирсол намуд.

Дар ин давра, Кумита иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 оид ба Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ"-ро зери назорат қарор дода, аз натиҷаи он маълумотнома аз 22 январи соли 2021, №1/4-28, аз 22 июли соли 2021, №1/4-238 ва ҷамъбастӣ аз 18 декабри соли 2021, №1/4-382 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Оид ба иҷрои банди 1 Нақшаи чорабиниҳо Кумитаи рушди маҳал дар якҷоягӣ бо намояндагони вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаҳои рамзи "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ"-ро таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намуд.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумита бо мақсади иҷрои банди 13 нақшаи чорабиниҳо бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва банди 98 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2021, №88 Конфренсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Баланд бардоштани мақоми шаҳрак ва деҳот дар сохтори давлатдории муосир"-ро санаи 26 майи соли 2021, дар Муассисаи давлатии "Китобхонаи миллии Тоҷикистон" баргузор намуда, аз натиҷаи он ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома аз 28 майи соли 2021, №1/4-168 ирсол намуд.

Ҳамзамон, аз натиҷаи конференсияи мазкур маводҳо ҷамъоварӣ гардида, дар шакли дастури методӣ ба чоп расонида шуда, ба вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол гардид.

Бо мақсади иҷрои банди 34 ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор намудани "Озмуни деҳот ва шаҳраки беҳтарин" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021, фармоиши Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардида, дар асоси он ҳайати гурӯҳи кории Кумита, Низомномаи Озмун, меъёрҳо барои муайян намудани ғолибони озмун ва нақшаи вазифагузориҳо ба аъзоёни гурӯҳи корӣ таҳия гардида, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ аз 24 январи соли 2020, №1/4-34 ирсол карда шудааст. Тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2020, №24/10-50 санадҳои тасдиқгардида ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои иҷро ирсол гардидааст.

Дар ин раванд, ҷаласаҳои кории роҳбарияти Кумита бо иштироки аъзоёни гурӯҳи корӣ ҷиҳати фаҳмонидани моҳият ва мақсади озмуни мазкур доир гардида, аз натиҷаи он протоколҳои дахлдор тартиб дода шуда, гурӯҳи кории Кумита ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафари хизматӣ анҷом дода, аз рафти баргузорӣ ва кори комиссияҳои маҳаллӣ оид ба гузаронидани Озмун дар солҳои 2019-2021 шиносоӣ намуда, ёрии методӣ расониданд.

Ҳамзамон, Озмуни мазкур дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2019, 2020 ва 2021 баргузор ва ҷамъбаст гардида, аз натиҷаи он ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2021, №1/4-380 маълумот пешниҳод карда шуд.

Оид ба иҷрои банди 48 аз ҷониби Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон семинарҳои омӯзишӣ дар мавзуъҳои «Ташаккули худидоракунии маҳаллӣ ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳраку деҳот», раванди амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот”, “Роҳнамо барои таъсисдиҳӣ ва рушди мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ”, “Роҳҳои амалигардонии нақшаи чорабиниҳо бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” бо иштироки раисон ва котибони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти шаҳру ноҳияҳои минтақаи Рашт, ноҳияи Шуғнони ВМКБ ва шаҳри Исфараи вилояти Суғд гузаронида шуд.

Ҳамзамон, дар мавзӯи “Танзими идоракунӣ дар маҳал, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” курси сайёри такмили ихтисос барои котибони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти вилояти Хатлон дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон баргузор карда шуд.

Давоми соли 2021 барои баланд бардоштани фаъолияти Кумитаҳои маҳаллаҳо тибқи қонунгузории соҳавӣ бо иштироки раисони Кумитаҳои маҳаллаҳои шаҳри Бӯстон ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд семинар машварат дар мавзӯи шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ” баргузор намуда, барои беҳтар намудани фаъолияти онҳо тавсияҳои методӣ расонида шуд.

Вобаста ба таъмини иҷрои бандҳои 2, 3, 5, 11 ва 42 ҷиҳати таҳияи харитаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, омода намудани ҳисоботҳои оморӣ дар соҳаи рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, барномаҳои маҳаллии рушди сайёҳӣ, барои ташкил ва баргузор намудани форум ва намоишгоҳҳои байналмилалии сайёҳӣ, муаррифии таомҳои миллӣ, таъсис додани марказҳои сайёри иттилоотии хизматрасонии сайёҳӣ дар даромадгоҳҳои меҳмонхонаҳо, фурудгоҳҳо, осоишгоҳҳо, терминалҳо ва боғҳои шаҳру ноҳияҳо дар якҷоягӣ бо Кумитаи рушди сайёҳӣ ва вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ чораҳои зарурӣ андешида, мунтазам ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот карда мешавад.

Оид ба иҷрои бандҳои 7, 9, 16, 21, 22, 23, 24, 25, 26, 27, 28, 29, 30, 31, 32, 33, 35, 36, 37, 40, 41, 43, 45, 47, 49, 50, 51, 52 ва 53 ҷиҳати ҷорӣ намудани истифодаи воситаҳои техноологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, таъмини дастрасии истеъмолкунандагон бо қувваи барқ, барқароркунии пулҳо, таъмир ва асфалтпуш кардани роҳҳо, рушди нақлиёти ҷамъиятӣ, фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, барқарорсозии муассисаҳои садамавӣ ва инфарсохтори муассисаҳои таълимӣ, бунёду азнавсозӣ ва таъмири бунгоҳҳои тиббӣ, майдону толорҳои варзишӣ, иншооти хизматрасонии муосири

сарироҳии беҳдоштию санитарӣ, ташкили хатсайрҳои нави сайёҳӣ, таъсиси сомонаҳои интернетӣ, ҷалби соҳибкорони ватаниву хориҷӣ ба бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, муосиргардонии нуктаҳои қабули сайёҳон дар фурудгоҳҳо, таъсис додани марказҳои сайёри иттилоотии хизматрасонии сайёҳӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардумӣ, бунёд ва азнавсозии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ, ба роҳ мондани сайёҳати муташаккилонаи хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ ба мавзеъҳои сайёҳии мамлакат, таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, таҳия ва нашри дастурҳои таълимии касбу ҳунарҳои мардумӣ, ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл ба касбу ҳунар ва муҳайё намудани ҷойҳои кории иловагӣ, сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматӣ, таъмир, таҷдид ва азнавсозии муассисаҳои соҳаи фарҳанг, иншоотҳои маишӣ,ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ, дастрасии аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар деҳот Кумита бо истифода аз “Маълумот оид ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал” ҳисоботҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро ҷамъбаст намуда, ҳар нимсола маълумоти таҳлилӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби Кумитаи рушди маҳал бо мақсади иҷрои талаботи сархати 1 банди 20 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2020, №64 “Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ва вазифаҳо барои соли 2020” лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия намуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда буд.

Робита ба ин, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ба бандҳои 1, 4, 5, 6 ва 13 лоиҳаи нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Консепсияи идоракунии рушди маҳал барои то давраи соли 2030 барои такмил ва омӯзиш дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор баргардонида шуд (супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2021, №24/10-230).

Дар ин раванд, Кумитаи рушди маҳал бори дигар маълумотҳои заруриро вобаста ба таҳияи лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравӣ дар чаҳорчӯбаи сиёсат ва меъёри муайяншудаи Консепсия, ки ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, №522 тасдиқ гардидааст, ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст намуда, ба Дастгоҳи иҷроияи

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 2021, №1/5-278 ирсол намуд.

Кумитаи рушди маҳал давоми соли 2021 тибқи супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷаи иҷрои онҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор маълумоти зарурӣ манзур намудааст, аз ҷумла вобаста ба бандҳои 35, 36, 37, 38, 40, 44, 45, 46, 47, 48, 51, 53 ва 57-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Хуросон, Ёвон, Балҷувон, Ховалинг, Шамсиддин Шоҳин ва шаҳри Нораки вилояти Хатлон аз 9 - 11 июли соли 2020 баён доштанд, мавриди баррасӣ қарор дода, аз натиҷааш маълумотнома ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2021, №1/4-179 ирсол намуд.

Кумитаи рушди маҳал ҷиҳати иҷрои супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2020, №447180 (24.2), аз 13 апрели соли 2021, №1/4-140 ва аз 27 апрели соли 2021, №1/4-183 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тағйир додани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва объектҳои ҷуғрофии ҳудуди вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияи Шаҳринав мавриди баррасӣ қарор дода, пешниҳодҳои худро ба мақоми ваколатдор ирсол намуд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Кумитаи рушди маҳал як қатор созишномаҳои минтақавии байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо дарназардошти хулосаҳои вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо тартиби муқаррааргардида ба Вазорати корҳои хориҷӣ пешниҳод карда шуд, аз ҷумла: Созишномаҳо байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Ҳукумати вилоятҳои Кемерово-Кузбасс, Ханти-Мансийск, Челябинск, Иваново ва Созишномаҳо байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо вилоятҳои Астрахан, Омск ва Ҷумҳурии Бошқирдистони Федератсияи Россия, пешниҳоди шаҳрҳои Тоҷикистон бораи бародаршаҳрӣ бо шаҳри Кунмини Ҷумҳурии Халқии Хитой.

Робита ба ин, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 сентябри соли 2021, №375 “Дар хусуси лоиҳаи Созишнома байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати вилояти Челябински Федератсияи Россия дар бораи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ”, аз 13 сентябри соли 2021, №376 “Дар хусуси лоиҳаи Созишнома байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд (Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва Ҳукумати вилояти Кемерово-Кузбасс (Федератсияи Россия) оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ”, аз 13 сентябри соли 2021, №377 “Дар хусуси лоиҳаи Созишнома байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати округи мухтори Ханти-Мансийск-Юграи Федератсияи Россия дар бораи амалисозии алоқаҳои байналмилалӣ ва иқтисодии хориҷӣ дар соҳаҳои

тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ ва дигар самтҳо”, аз 13 сентябри соли 2021, №378 “Дар хусуси лоиҳаи Созишнома байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон (Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва Ҳукумати вилояти Астрахан (Федератсияи Россия) оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва гуманитарӣ”, аз 13 сентябри соли 2021, №379 “Дар хусуси лоиҳаи Созишнома байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон (Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва Ҳукумати вилояти Омски Федератсияи Россия оид ба амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ва иқтисодиёти хориҷӣ дар самтҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ” ба тасвиб расид.

Бо мақсади таъмини иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, №11349(22.6) Кумитаи рушди маҳал дар доираи вазифаҳои низомномавӣ корҳои ҳамоҳангсозиро бо мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Рашт ва Шабакаи Оғохон оид ба рушд ба роҳ монда, дар асоси мактуби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2021, №1/14-7(1311) бо Лоиҳаи “Беҳсозии ҳамҷояи ҳифзулсиҳат ва макони зист дар минтақаи Рашт” бо мақсади шиносоӣ пайдо намудан аз рафти фаъолиятҳои зерлоиҳаҳо бо намояндагони Фонди Тоҷикистонии Оғохон аз рафти корҳо дар ноҳияҳои Рашт дидан намуда, ахборот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 сентябри соли 2021, №1/4-285 ирсол намуд.

Робита ба ин, рӯзи 17 декабри соли ҷорӣ ҷаласаи навбатии лоиҳаи “Беҳсозии ҳамҷояи ҳифзулсиҳат ва макони зист дар минтақаи Рашт” баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои ҳамкорӣ, амалишавӣ ва натиҷаи лоиҳаҳо мавриди муҳокимаю баррасӣ қарор дода шуд.

Ҷиҳати иҷрои супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 майи соли 2021, №129(24) оид ба натиҷаи сафари хизматии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 то 25 марти соли 2021 ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба шарҳи нуктаҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” анҷом доданд, бо дарназардошти пешниҳодҳои вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо вобаста ба дархостҳои интихобкунандагонро ҷамъоварӣ ва корбарӣ намуда, аз натиҷаи он маълумотнома аз 22 июни соли 2021, №1/4-192 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2021, №11405(29-42) роҳбарияти Кумита ҷиҳати татбиқи “Барномаи устувории шаҳри Хоруғ” санаи 18 феврали соли 2021 бо намояндагони Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии судманд анҷом дода, ҳамкориҳои минбаъдаро мавриди муҳокима қарор дода, аз натиҷаи вохӯрии баргузоргардида ба

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, №1/5-99 ва ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 феврали соли 2021, №1/5-87 ахборот пешниҳод карда шуд.

Инчунин тибқи супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2020, №22/6-127 (2) аз рафти амалишавии "Барномаи устувории шаҳри Хоруғ" ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 феврали соли 2021, №1/5-87, аз 22 марти соли 2021, №1/5-99, аз 23 апрели соли 2021, №1/5-139, аз 12 июни соли 2021, №1/5-187, аз 21 июли соли 2021, №1/5-256 ва аз 2 декабри соли 2021, №1/5-365 маълумотҳо манзур гардид.

Дар ин давра тибқи дастури супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзҳои 20-22 майи соли ҷорӣ роҳбарият ва кормандони Кумита аз мавзеъҳои бар асари сел зарардидаи шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Вахш, А.Ҷомӣ ва Ёвони вилояти Хатлон боздид ба амал оварда, аз рафти корҳои сохтмонӣ аз наздик шинос шуда, ба шаҳрвандони аз офат зарардида дар доираи рисолати шаҳрвандӣ, ҳамрайъию ҳамдилӣ, кӯмакҳои моддӣ ва молиявӣ расонида шуд.

Дар ин радиф, кормандони Кумита бо аҳолӣ ва масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои зикргардида суҳбату вохӯриҳо анҷом дода, бо вазорату идораҳои дахлдор ҳамкориро ба роҳ монданд.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамкорӣ намудан дар корҳои бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ, ки рӯзи 10 июли соли 2021 аз натиҷаи заминларза дар ноҳияҳои Тоҷикобод ва Рашт рух доданд, аз моҳи июл то сентябри соли ҷорӣ кормандони масъули Кумита мунтазам сафарҳои хизматӣ анҷом дода, корҳои ҳамоҳангсозиро бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Тоҷикобод ва Рашт баҳри бартараф намудани мавзеъҳои зарардида ба роҳ монданд.

Ҷиҳати иҷрои супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, №544 (25-7) ҷиҳати пурзӯр намудани фаъолият оид ба фарогирии аҳолӣ бо ваксинатсия бар зиди бемории COVID-19 кормандони Кумита дар якҷоягӣ бо масъулини вазорату идораҳои дахлдор барои суҳбат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ба аҳолӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз 29 ноябр то 4 декабри соли ҷорӣ сафари корӣ анҷом дода, барои ҷоннок намудани фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ оид ба фарогирии аҳолӣ бо ваксинатсия бар зиди бемории коронавирус ба масъулин дастур ва корҳои роҳнамоӣ роҳандозӣ карда шуд.

Кумита бо мақсади таъмини иҷрои банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 "Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳисоботҳоро ҷамъбаст намуда, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо аз 26 феврали соли 2021, №1/5-96 ҷиҳати таҳлили минбаъда ирсол намуд.

Вобаста ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14 "Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ва вазифаҳо барои соли 2021" Фармоиши Раиси Кумита аз 16 феврали соли 2021, №18 таҳия гардида, дар доираи он Нақшаи чорабиниҳо тасдиқ карда шуд.

Дар ин замина, Кумитаи рушди маҳал аз ҷараёни иҷрои бандҳои қарори мазкур оид ба рафти иҷрои барномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва корҳои ободонию бунёдкорӣ бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор тадбирҳои амалӣ андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод карда шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки вобаста ба татбиқи "Барномаи миллии коммуникатсионии 1000 рӯзи аввали ҳаёти кӯдак барои солҳои 2020-2024", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №292 тасдиқ гардидааст, мактубҳо омода гардида, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2021, №1/5-122, аз 23 июли соли 2021, №1/5-335 ва аз 4 декабри соли 2021, №1/5-521 ирсол гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати иҷрои банди 28 нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2020, №13, банди 31 нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2021, №2 ва супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2021, №24/10-100 барои аз нав таъмир кардани майдончаҳои варзишӣ ва бозиҳои кӯдаконаро зери назорат қарор дода, дар ҳамкорӣ бо масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ ва Синои шаҳри Душанбе гурӯҳи корӣ таъсис дода, ҷиҳати аз нав таъмир намудани майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдаконаи шаҳраки 114 назди биноҳои истиқоматии М15 ва М16-и ноҳияи Сино ва шаҳраки 164, кӯчаи Пушкин назди биноҳои 2, 4, 6 ва 8-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ, ҳолати воқеии майдончаҳоро аз назар гузаронида, ҷойҳои таъмирталаби онро муайян намуда, таъмири иловагии онро дар моҳи майи соли ҷорӣ ба анҷом расонида, барои қабули иншооти мазкур дар асоси санади нуқсонӣ ба масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои истифодабарӣ супорида шуд.

Дар ин раванд, аз натиҷаи анҷоми корҳо ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2021, №1/4-167 ахборот ирсол гардид.

Кумита бо мақсади иҷрои бандҳои 1, 5, 6 ва 9 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 октябри соли 2020, №12 оид ба таъминоти аҳолии шаҳри Кӯлоб бо оби ошомиданӣ, полезӣ ва таъмини фаъолияти инфрасохтори канализатсия, вусъат бахшидани ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла кулолгарӣ, заргарӣ ва дар ин замина муҳайё кардани ҷойҳои кории нав ва рафти амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ" дар якҷоягӣ бо гурӯҳи кории

Кумита тибқи саволномаи таҳиягардида, дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон аз 15 то 19 феврали соли ҷорӣ омӯзиш ва таҳлил гузаронида, аз натиҷаи он маълумотнома аз 11 марти соли 2021, №1/4-81 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо розигии Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 феврали соли 2021, №361/-24 таҳлили рафти иҷрои банди 2 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2020, №14 вобаста ба иҷрои босифату саривақтии барномаҳои қабулшуда ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷиҳати баланд бардоштани руҳия ва ҷоннок кардани фаъолияти роҳбарияти шаҳру ноҳияҳо, инчунин амалишавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Турсунзода барои солҳои 2020 – 2025 дар соли 2020 аз 2 то 6 марти соли 2021 гузаронид.

Кумита баъд аз натиҷаи таҳлилҳо, ҷаласаи Ҳайати мушовараи сайёрро дар шаҳри Турсунзода санаи 16 апрели соли 2021, бо иштироки намояндагони вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, кишоварзӣ, нақлиёт, саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, кумитаҳои ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, кор бо занон ва оила, Хадамоти алоқа, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”, ШСХК “Барқи Тоҷик” (дар сатҳи муовинони соҳавӣ), мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва фаъолони шаҳр, инчунин масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, Рӯдакӣ ва Варзоб (дар сатҳи муовинони соҳавӣ) баргузор намуда, аз натиҷаи ҷаласа маълумоти таҳлилӣ аз 19 апрели соли 2021, №1/5-134 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки бо супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2021, №3130 (24) ба вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои баррасӣ ва мусоидат равона шудааст.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо розигии Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2021, №3156 (24) таҳлили рафти иҷрои банди 1 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 октябри соли 2020, №12 ва банди 2 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2020, №14 вобаста ба иҷрои босифату саривақтии барномаҳои қабулшуда ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷиҳати баланд бардоштани руҳия ва ҷоннок кардани фаъолияти роҳбарияти шаҳру ноҳияҳо, инчунин амалишавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020 – 2025 дар соли 2020 ҷамъбаст намуда, баъд аз натиҷаи таҳлилҳо ҷаласаи Ҳайати мушовараи сайёрро дар шаҳри Кӯлоб санаи 9 июли соли 2021 бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб ва фаъолони шаҳр баргузор намуда, аз натиҷаи ҷаласа маълумоти таҳлилӣ аз 12 июли соли 2021, № 1/5-225 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2021, №3215 (24) ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳри Кӯлоб барои ислоҳи камбудиҳо равона шудааст.

Дар ин раванд, тибқи супоришҳои болозикр рафти татбиқшавии "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020 – 2025", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 июни соли 2020, №389 тасдиқ гардидааст, бори дигар ба ҳолати 1 ноябри соли ҷорӣ мавриди арзёбӣ қарор дода шуда, аз натиҷаи он маълумоти таҳлилӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021,№1/5-366 пешниҳод гардида, бо супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 2021, №17823 (24) ба Вазорати рушди иқтисод, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳри Кӯлоб барои ислоҳи камбудиҳо ва пешниҳоди маълумоти мушаххас равона шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумита рафти амалишавии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ"-ро аз 27 сентябр то 2 октябри соли 2021 дар ноҳияи Рашт мавриди омӯзиш қарор дода, аз натиҷаи таҳлилҳо, ҷаласаи Ҳайати мушовараи сайёрро дар ноҳияи Рашт санаи 26 октябри соли 2021, бо иштироки намояндагони вазоратҳои адлия, молия, кишоварзӣ, тандурустӣ, нақлиёт, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, рушди сайёҳӣ, ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ", КВД "Моҳии Тоҷикистон", КВД "Саноати паррандапарварӣ", инчунин раисони шаҳри Роғун, ноҳияҳои Файзобод, Нуробод, Тоҷикобод ва Лахш баргузор намуда, аз натиҷаи ҷаласа маълумоти таҳлилӣ аз 28 октябри соли 2021, №1/4-330 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Бо супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2021, №13462 (24) ба вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои корбарӣ ва иҷро равона шудааст.

Бахри иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 2021, №12416(24) муовини Раиси Кумита ва сардори Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ аз 28 то 30 апрели соли ҷорӣ дар Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курси такмили ихтисос барои раисони вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, масъули самти маҳал, роҳбарияти мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар мавзӯи "Идоракунии давлатӣ дар замони муосир" иштирок намуданд.

Робита ба ин, бо дархости Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2021, №07/03 дар курси мазкур баромади Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Мушкилот ва пешниҳодҳо вобаста ба таҳия ва рафти иҷроиши барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳру ноҳияҳо" шунида шуда, дар ин замина маводҳои таҳлилӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1/4-150 аз 7 майи соли 2021 ирсол гардид.

Дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2021, №3144 (24) барои ислоҳи камбудиҳо ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол гардидааст.

Кумита доир ба иҷрои банди 2 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2020, №14 вобаста ба таври ҷиддӣ таъмин намудани назорати иҷрои босифату саривақтии барномаҳои қабулшуда ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо ва ҷиҳати баланд бардоштани руҳия ва ҷоннок кардани фаъолияти роҳбарияти шаҳру ноҳияҳо маълумотро омода намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2021, №1/5-57 ирсол намуд.

Бо мақсади таъмини иҷрои супориши болозикр дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2021, №369/24 тибқи саволномаи тасдиқгардида, анҷом додани сафарҳои корӣ ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишварро марҳила ба марҳила ба нақша гирифтааст.

Робита ба ин, ҳайати Гурӯҳи кории Кумита ва рӯйхати шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати анҷом додани сафари корӣ вобаста ба иҷрои супориши болозикр бо фармоиши Раиси Кумита аз 12 марти соли 2021, №28 тасдиқ гардид, ки Гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби кормандони Кумита ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз санаи 26 то 30 апрели соли 2021 ва ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз 17 то 22 майи соли 2021 сафари корӣ анҷом дода, аз натиҷа маълумоти муфассал ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутаносибан аз 17 майи соли 2021, №1/5-159 ва аз 1 июни соли 2021, №1/5-172 ирсол гардид, ки бо дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2021, №3153 (24) ва аз 22 июни соли 2021, №3164 (24) ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо барои баррасӣ ва ислоҳи камбудиҳо равона шудааст.

Инчунин, Кумита вобаста ба иҷрои талаботи банди 13 нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2021, №2 ва зербанди 1 банди 5 протоколи ҷаласаи назди Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 1 марти соли 2021, №16/10-55, барои ивази номҳои ғайритоҷикии воҳидҳои ҳудудии маъмурӣ ва объектҳои ҷуғрофӣ бо номи зебои тоҷикиро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, маълумотнома ба

Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2021, №1/4-237 ва аз 24 ноябри соли 2021, №1/4-352 ирсол намуд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои банди 11 нусха аз Протоколи маҷлиси Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2021, №1 нақшаи бунёди корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ дар ҳудуди шаҳри Кӯлоб мактуб омода гардида, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2021, №1/5-105 ва ахборот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 октябри соли 2021, №1/5-323 ирсол гардид.

Вобаста ба таъмини иҷрои банди 1 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2020, №13 дар бораи ҷараёни иҷрои “Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020” мактуб омода гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2021, №1/5-19 ирсол шуд.

Ҳамзамон, бахри иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2020, №30/10-195 тавзеҳот оид ба мухлатҳои пешниҳоди маълумот аз ҷараён ва натиҷаи иҷрои бандҳои 12 ва 16 нақшаи чорабиниҳои аз 17 декабри соли 2020, №24/10-470 дар бораи иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни боздид аз иншооти шаҳри Душанбе 11 декабри соли 2020 баён доштанд, барои иҷро таҳти назорат қарор дода, маълумотнома аз 6 январи соли 2021, №1/4-005, аз 15 марти соли 2021, №1/4-86, аз 4 июни соли 2021, №1/4-181 ва аз 22 июли соли 2021, №1/4-237 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намуд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои супориши банди 11  нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2021, №4 бо мақсади истифодаи пурраи имконияту воситаҳои мавҷудбуда фаъолияти худро дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба таҳдиду бӯҳронҳо, ташаккули имконияту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмини иҷрои саривақтӣ ва босифати ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ вусъат бахшиданро мавриди баррасӣ қарор дода, маълумотҳои зарурияро ҷамъбаст намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июли соли 2021, №1/5-230 ирсол намуд.

Ҷиҳати иҷрои супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 октябри соли 2020, №24/10-390 оид ба таъмини иҷрои бандҳои 1, 17, 43 ва 77 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Шаҳритус, Бохтар, Левакант, Вахш, Кӯлоб, Восеъ, Шамсиддин Шоҳин, Муъминобод ва Ховалинги вилояти Хатлон аз 22-26 сентябри соли 2020 баён доштанд, аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он оид ба корҳои анҷомдода маълумот дастрас намуда, ба Дастгоҳи иҷроияи

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2021, №1/4-87 ва аз 21 июли соли 2021, №1/4-234 пешниҳод гардид.

Ҳамзамон, вобаста ба супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2018, №24/10-431 ҷиҳати иҷрои бандҳои 10 ва 26 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Роштқалъа, Мурғоб ва Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 11 то 15 сентябри соли 2018 баён доштанд, барои иҷро таҳти назорат қарор дода, аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он аз корҳои анҷомдода маълумот дастрас намуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2021, №1/4-194 маълумотнома пешниҳод намуд.

Бо мақсади таъмини иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2020, №1к/30-5 вобаста ба иҷрои сархати 4 банди 4 протоколи машварати кории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 декабри соли 2020, №1к/30-5, ҷиҳати афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, бе кишт намондани заминҳои кишоварзӣ, ба таври васеъ ба роҳ мондани кишти такрории заминҳо ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида барои иҷро ва роҳбарӣ гирифта, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2021, №1/4-69 ва аз 10 июли соли 2021, №1/4-222 маълумот ирсол намуд.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2020, №24/10-420 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар маросими савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2020 баён доштанд, Нақшаи чорабиниҳои Кумита аз 18 банд бо фармоиши Раиси Кумита аз 18 ноябри соли 2020, №93 ба тавсиб расида, оид ба иҷрои бандҳои 1, 13, 15, 16, 17, 23, 24, 25 ва 26 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №1/5-108, аз 9 июни соли 2021, №1/5-183 ва аз 7 декабри соли 2021, №1/5-369 маълумотнома ирсол гардид.

Вобаста ба иҷрои супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021, №26/10-21 ва аз 30 июни соли 2021, №26/10-318 доир ба ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо оид ба ҷамъбасти соли 2020 ва нимсолаи якуми соли 2021, мутобиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2011, №АП – 1729 чораҷӯӣ намуда, рӯзҳои 2 феврал ва 13 июли соли 2021 дар толори калони Кумита бо иштироки намояндагони ВАО баргузор гардида, аз натиҷаи он 3 феврали соли 2021, №1/5-37 ва 13 июли соли 2021, №1/5-226 мактубҳо ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин давра “Маълумот оид ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал” ба “Маълумот оид ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо вобаста ба фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал” иваз карда шуда, дар асоси паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14 “Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ва вазифаҳо барои соли 2021” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такмил ёфта, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2021, №1/5 – 64 ирсол гардид, ки тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2021, №363/24 ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои баррасӣ ва иҷро ирсол карда шуд.

Робита ба ин, Кумита бо истифода аз “Маълумот оид ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал” дар соли 2020 ва нисмолаи якуми соли 2021 арзёбӣ гардида, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2021, №№1/5-45, 1/5-46, 1/5-47, 1/5-48 ва аз 9 августи соли 2021, №№1/5-258, 1/5-259, №1/5-260 ва 1/5-261 ирсол гардид ва тибқи супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2021, №24/10-62 ва аз 20 августи соли 2021, №1566 (24.3), 1568 (24.3), 1569 (24.3) ва 1570 (24.3) ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати барои корбарӣ ва ислоҳи камбудиҳо ирсол карда шуд.

Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ Нақшаи чорабиниҳои Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мудофиаи гражданӣ, эътино, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда барои соли 2021, ташкил намудани гурӯҳҳои таълимӣ ва ҷадвали машғулиятҳо оид ба мудофиаи гражданӣ бо ҳайати роҳбарикунандаи Кумита таҳия гардида, бо фармоиши Раиси Кумита аз 19 январи соли 2021, №6 ба тасвиб расид.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 августи соли 2021, №16/10-229 кормандони Кумита ба гурӯҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муайян намудани омодагии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба соли хониши 2021-2022 шомил карда шуда, санаҳои 26-31 августи соли 2021 ба ВМКБ, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сафари корӣ анҷом дода, аз натиҷаи он ахбороти муфассал ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 2021, №251062(26.6) оид ба баргузории ҳамоишҳои ҷавонони касбу кори гуногуни кишвар ба ифтихори 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони “Нақши ҷавонон дар 30 соли соҳибистиқлолӣ: дастовард ва дурнамо”, рӯзи 14 сентябри соли 2021 бо иштироки Раиси Кумита ва намояндагон аз Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони Кумита ҳамоиш баргузор гардид.

Инчунин, санаи 12 октябри соли ҷорӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ҳамоиши ҷумҳурии Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон таҳти унвони “30 соли ҳамбастагӣ бо Пешвои миллат” баргузор гардид, ки дар кори он Раиси Кумита иштирок ва суханронӣ намуданд.

Ҳамчунин рӯзи 15 ноябри соли 2021 дар толори Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе Конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Пешвои миллат – мояи ифтихор ва иттиҳоду сарҷамъии ҷавонон” бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки вазорату идораҳои дахлдор, ходимони давлатӣ ва собиқадорони меҳнат баргузор гардид, ки дар кори он Раиси Кумита иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ роҳбарият ва кормандони Кумита дар зиёда аз 40 конференсияҳо, форумҳо, семинарҳо, ҷаласаҳои кории байниидоравӣ ва чорабиниҳои сатҳи гуногуне, ки аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дар ҳамкорӣ ташкилотҳои байналхалқӣ ташкил карда шуд, фаъолона иштирок намуданд.

Ҳамзамон тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 21 сентябр ва 6 декабри соли ҷорӣ роҳбарияти Кумита дар ҷаласаи машваратии миллӣ бо мақсади таҳияи Барномаи чаҳорчӯбаи Созмони Милали Мутаҳид оид ба рушди устувор 2023-2026, афзалиятҳо, стратегияҳо ва механизми ҳамкорӣ иштирок намуданд.

Бояд зикр намуд, ки ба истиқбол ва ифтихори санаи фархундаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарияти Кумита дар Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд”, ки рӯзҳои 8-9 октябри соли 2021 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, иштирок намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2021, №12474 (26.5) кормандони Кумита рӯзи 28 октябри соли ҷорӣ дар Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Вазъи муосири индустриалӣ-инноватсионии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди онҳо” иштирок ва маъруза намуданд.

Инчунин, дар робита ба Дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2021, №15368 (22.)

муовини Раиси Кумита рӯзи 26 ноябри соли 2021 дар нишасти дувуми Кумитаи ҳамоҳангсозии лоиҳаи рушди фарогири деҳот”, ки аз ҷониби Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ) ташкил карда шуд, иштирок намуданд.

Кумита дар давраи ҳисоботӣ ба 16 лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои ҳуқуқиро омода намуда, ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод намуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Кумита оид ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал, такмил ва таҳкими низоми идоракунии маҳаллӣ, такмил ва таҳкими асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва молиявию иқтисодӣ, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ вобаста ба ташаккули буҷети шаҳрак ва деҳот ва барои мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии ҷамоатҳо, бо роҳи истифодаи маблағҳои аз ҳисоби хизматрасонии иловагии музднок ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ тибқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №430 ва бо тағийру иловаҳо аз 2 апрели соли 2017, №180 мактуби расмӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеӣ ҷумҳурӣ аз 23 январи соли 2021, №1/6-41 ирсол намуд.

Ҷиҳати ичрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барои соли 2021 дар Кумита бо Фармоиши Раиси Кумита аз 2 сентябри соли 2021 тасдиқ карда шуда, бо мақсади иҷрои бандҳои он шахси мутасаддӣ ва котиби масъул таъин карда шуда, корҳо дар ин самт ҳамеша дар мадди назар қарор дорад.

Дар ин давра, тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.04.2021, №16/10-12 оиди дар арафаи Иди саиди фитр ба табақаҳои ниёзманд расонидани кӯмак мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар арафаи Иди саиди Фитр ба 30 нафар шаҳрвандони ниёзманд маблағи 3000 (се ҳазор) сомонӣ ва истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Назаршоев 269/2, ҳуҷраи 6 Маҳмудов Ҷамшед маъюби гуруҳи якум ба маблағи 500 (панҷсад) сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ кӯмаки яквақтаина расонида шуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2021, №2/7-156 маълумот ирсол карда шуд.

Инчунин, ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2022 тибқи Барқияи ҳукуматӣ аз 9 декабри соли 2021, №16/10-39 ҷиҳати сари вақт расонидани кӯмаки моддӣ ба табақаҳои ниёзманд дар ҳамкорӣ бо мақомоти

иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба 30 нафар оилаҳои камбиозат маблағи 3000 (се ҳазор) сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ кӯмаки яквақтаина расонида шуд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №36/10-13 аз 4 феврали соли 2021 эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи молумулкии хизматчиёни давлатӣ, тибқи тартиби муқарраргардида маълумотҳои аз ҷониби роҳбарият ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 феврали соли 2021, №1/7-61 пешниҳод карда шуд. Ҳамзамон, эъломияҳои дарҷгардида аз тарафи кормандон ба мақоми ваколатдори соҳа 15 марти соли 2021, №1/7-133 маълумот ирсол гардид.

Бо мақсади тақвият бахшидани донишу малакаи хизматчиёни давлатӣ, иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2021, №4507 (1504) ва иҷрои мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2021, №04-171, фармоиши Раиси Кумита аз 21 январи соли 2021, №009 “Оид ба ташкили машғулиятҳои идоравӣ дар Кумита” ба имзо расонида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониши касбӣ, маърифати ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи масъулини Кумита дар ҳамкорӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳои такмили ихтисос 8 нафар иштирок намуда, донишу малакаи худро баланд бардоштанд.

Инчунин, дар асоси мактубҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2021, №4-6/1-316 мутахассисони соҳаи молиявӣ 2 нафар дар курси омӯзишӣ дар Маркази такмили ихтисоси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда 7 нафар дар курсҳои таълимӣ дар Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ – методии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда барои баланд бардоштани донишу малакаи худ иштирок намуданд.

Дар асоси Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 тасдиқ шудааст, барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчиёни давлатии маъмурӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос, салоҳиятнок дар хизмати давлатӣ, таъмини болоравии касбии хизматчиёни давлатӣ бо фармоишҳои Раиси Кумита аз 14 январи соли 2021, №14 ва аз 25 майи соли 2021, №44 ва аз 22 октябри соли 2021, №63 «Оид ба гузаронидани озмун барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ дар Кумита» озмун эълон карда шуда, тибқи тартиби муқарраргардида бо иштироки намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда шуд.

Дар ин замина, 8 нафар мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос бо тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии Кумитаро ишғол намуда, фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд. Оид ба ҷамъбасти натиҷаи озмун ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори соҳа маълумоти дахлдор ирсол карда шуд.

Инчунин, тибқи банди 39 Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ 1 нафар ба захираи ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии Кумита гирифта шуда, аз санаи 1 декабри соли 2021 бо риояи талаботи тахассусӣ ба мансаб таъин карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ мутобиқи талаботи Низомнома дар бораи гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, санаи 26 ноябри соли 2021 аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии Кумита баргузор гардид, ки дар он 6 нафар аз аттестатсия гузаронида шуданд.

Натиҷаи аттестатсия аз он шаҳодат медиҳад, ки интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос ва омода намудани хизматчиёни давлатӣ дар Кумита дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда, аз ҷониби намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори соҳа баҳои мусбӣ дода шуд.

Супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2021, №30/10-08 (4) оид ба вазъи кор бо муроҷиатҳо дар мақомоти давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба корҳои ба сомон расонидашуда ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҷадвали тасдиқшуда ҳармоҳа ҳисобот пешниҳод карда мешавад.

Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1339 «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», фармоиши Раиси Кумита аз 6 марти соли 2017, №28 ба тасвиб расонида шуда, ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе шаҳрвандон қабул карда мешаванд. Оид ба ташкил тартиби ҳуҷҷатгузорӣ, таъмини қабули шаҳрвандон дар қабулгоҳҳои раис, муовинони раис ва сардорони раёсатҳо ба танзим даровarда шуда, дафтарҳои бақайдгирии шаҳрвандон дар қабулгоҳҳо ташкил карда шуда, зери назорати мунтазами роҳбарияти Кумита қарор дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ 11 адад муроҷиати хаттии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 5 адад тариқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумита ворид гардида, саривақт баррасӣ гардида, ба муроҷиаткунанда ҷавоби дахлдор ирсол карда шудааст. Инчунин, аз ҷониби роҳбарияти Кумита 73 нафар шаҳрвандон шифоҳӣ қабул карда шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин давра ба Кумита 2074 ҳуҷҷатҳо ворид гардидааст, аз он ҷумла:

Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5 адад, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 42 адад, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон – 79 адад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон – 4 адад, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 адад, фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2 адад, қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 9 адад, қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 адад, нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 58 адад, супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 адад, 370 адад мактуб ва 46 адад барқияи ҳукуматӣ аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 139 адад барқияҳои телефонӣ аз вазорату идораҳо, 775 мактуб аз вазоратҳо, кумитаҳо ва дигар мақомотҳо, 542 мактубҳо аз вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ ворид шудааст.

Аз тарафи кормандон 73 адад фармоишҳои Раиси Кумита таҳия ва ба тасвиб расонида шуда, инчунин 943 адад мактуб аз ҷумла: 385 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 558 адад ба вазорату кумитаҳо, мақомотҳои иҷроияи маҳаллӣ, корхона ва ташкилотҳои дахлдор содир карда шудаанд.

Ҳамзамон, бо мақсади ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни кормандони Кумита дар якҷоягӣ бо ситоди кории Кумитаи рушди маҳал оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави COVID-19 дар ҳамкорӣ бо ситоди ҷумҳуриявӣ санаи 11 июни соли 2021 вохӯрии муовини директори генералии маркази ҷумҳуриявии имунопрофлактика вобаста ба пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави COVID-19 ва ба роҳ мондани ваксинатсия баргузор карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ 37 нафар кормандони Кумита бо мақсади пешгирӣ, интиқол ва пайдоиши сирояти коронавируси COVID - 19 аз ҷумла 9 нафар кормандони аз 55 сола боло бо ваксинаи “Астра – зенека” (истеҳсоли Ҷумҳурии Ҳиндустон) ва 27 нафар кормандони то 55 сола бо ваксинаи “Sinovac” (истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Хитой) ва 1 нафар ваксинаи “Гам-ковидак” (истеҳсоли Федератсияи Россия) аз иммунизатсия гузашта, бо гувоҳнома дар бораи гузаронидани иммунизатсия бар зидди сирояти COVID – 19 таъмин гардиданд.

Кумита ҷиҳати ворид намудан ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022” чунин пешниҳод менамояд:

- Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳотро мунтазам арзёбӣ намуда, аз натиҷа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои мушаххас манзур намояд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумита ворид мегарданд, дар муҳлатҳои муқаррargardida

таъмин намуда, вобаста ба иҷрои вазифаҳои низомномавӣ пайваста тадбирҳо меандешад.

Раиси Кумита Қосим Роҳбар